## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷу Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Кори таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин ба муҳимияти мавзуи асосии муосири педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ бо роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» дар донишгоҳҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Бинобар ин, мақсад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ аз он иборат аст, ки дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳкамӣ дар донишҷӯён қобилияти эҷодиро инкишоф дода, онҳоро ба равандҳои таҳқиқотӣ ҳидоят менамояд.

Ақидаҳои боэътимоди асосиро оид ба омодасозии омӯзгорон, қонуниятҳои умумии инкишофи муассисаҳои таҳсилоти олиро таҳқиқотҳои олимони соҳавӣ шабоҳат медиҳад. Аз ин рӯ, проблемаи таҳлили омодагии касбӣ-методии омӯзгор пурзӯркунии назариявии коркарди масъалаҳои таҳқиқотиро ба омодагии донишҷӯён дар фаъолияти эҷодӣ тақозо менамояд.

Яке аз воситаҳои асосии фаъолияти омӯзгори оянда: маҳорати эҷодӣ, салоҳияти таҳқиқотӣ дарки мустаҳкамии ягонагии раванди таълим ва таҳқиқотӣ, ки боиси имконияти васеи ҷалби донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ ба кори таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад. Ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки онҳо фаъол бошанд, мустақилияти ҳар яке таъмин шавад ва ҳамзамон имконияти ташаккулёбии маҳоратҳои таҳқиқотӣ дошта бошад.

Барои ноил шудан ба ҳалли масъалаҳои гузоштащуда ва исботи фарзияи таҳқиқот аз методҳои зерин истифода намудан ба маврид аст: ба

монанди таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам оид ба масъалаи таҳқиқот, моделонӣ, таҳлили барномаю мақсадҳои методӣ, пурсишномаҳо, суҳбат, мушоҳида, методҳои арзёбӣ ва худбаҳодиҳӣ, таҳлили маҳсули фаъолиятҳои таҳқиқотии донишҷӯён, озмоиши педагогӣ, рейтингҳо ва коркарди омории натиҷаҳои озмоиши педагогӣ.

Унвонҷӯ асосҳои методологии таҳқиқотро мантиқан дуруст ба роҳ монда мақсад, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқотро саҳеҳ ва мухтасар ифода менамояд.

Унвонҷӯ мантиқан ва илман ба ҳимоя андешаҳои зеринро мавриди таҳлил пешкаш намудааст:

- асосҳои назариявию методологии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун тақозои замон;

- ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ чун қисмати таркиби омодагии касбӣ-методии донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ;

- фароҳам овардани имкониятҳо оид ба ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ;

- дараҷаи баланди ташаккулёфтаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ин мустақилона ҳалкунии масъалаҳои матнии душвор, сифати иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм мебошад.

Мазмуни асосӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муаллимони синфҳои ибтидоии шаҳри Душанбе ба таври озмоиши омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 номгуй мақолаҳои илмӣ чоп гардидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои

тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр гардидаанд.

Автореферат пайдарҳами баёни мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб сохта шуда, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад. Инчунин дар автореферат тамсилаи назариявии ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва омода кардани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муоина гаштааст.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки кори таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" таҳқиқоти мустақилона ба анҷомрасида буда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти
иттилоотии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Мавлоназаров С.С.

Маълумот барои тамос:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел: +992-939996099; E-mail: Silmon@mail.ru 26.06.2023

Имзои С. Мавлоназаровро тасдиқ менамоям
Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳамидов Ш.Б.